**Тақриз**
**ба диссертатсияи номзадии Баракотов Бобохоҷа Сайфуллоевич дар мавзуи «Интихобот ва нақши он дар таҳкими давлатдории муосир (таҷрибаи Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Истиқлоли давлатӣ ҳамчун заминаи муҳимми ташаккули давлатдории мустақил барои Тоҷикистон марҳилаи таърихии навро боз намуд. Дар ин замина, интихоби роҳи демократии рушд тақозо менамуд, ки дар таъсиси ҳокимияти сиёсӣ иродаи мардум ба инобат гирифта шавад. Бо ин мақсад бунёди низоми нави сиёсӣ ва дар заминаи он ташкили ниҳоди интихобот ҳамчун механизми татбиқи муносибатҳои демократӣ сурат гирифт.

Интихобот ва райпурсӣ ифодагари аслӣ ва бевоситаи ҳокимияти халқ маҳсуб меёбанд. Муқаррароти конститутсионии мавриди назар барои баргузории раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ҳамчун василаи баёни иродаи халқ замина гузоштааст.

Вобаста ба ин мавзуи интихобнамудаи Баракотов Б.С. муҳимму зарурӣ арзёбӣ мегардад. Муаллиф кӯшидааст масъалаи ниҳоди интихобот дар Тоҷикистонро дар тӯли даврони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил қарор дода, марҳилаҳои душвори ташаккул ва рушди онро ба риштаи таҳлил кашад. Интихобот ба сифати омили муҳим дар таҳаввули ҳокимияти сиёсӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим гузошт.

Муайян намудани моҳият ва хусусияти интихобот ҳамчун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ ва нақши он дар таҳкими давлатдории миллӣ дар замони муосир зарурати омӯзишу таҳқиқи мавзуъро асоснок мекунад.

Интихоби дурусти методологияи таҳқиқотӣ ба муаллиф имконият додааст, ки бо истифода аз методҳои умумиилмии дар таҳқиқи илмҳои сиёсӣ пазируфта, ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкурро таҳлил намуда, хулосаҳои асоснок пешниҳод намояд.

Баракотов Б.С. тавонистааст мақсад, объект ва предмети таҳқиқоти худро муайян ва консепсияи омӯзишӣ ва таҳлилии худро дар доираи он таҳия ва амалӣ намояд. Ин бошад ба муаллиф имконият додааст, ки таҳқиқотро дар доираи мақсаду вазифаҳои гузошта анҷом диҳад.

Сохтори диссертатсия аз диди мантиқӣ бо пайдарҳамии хос мураттаб гашта, масъалаҳои гузошташуда бо ҳам робитаи зичи мазмунӣ ва мантиқӣ доранд. Он аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муаллиф тавонистааст, ки ҳар як масъалаи дар доираи бобу зербоб ҷудокардаи худро пурра ва ҳаматарафа таҳлил намояд.

Муаллиф бо риоя аз услуби илмӣ навгониҳои диссертатсияро мушаххас, фаҳмо ва асоснок нишон дода, дар матни диссертатсия ҳар яки онҳо ба таври зарурӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дар заминаи объективияти илмӣ таҳия карда шуда, эътимоднокии баланд доранд. Зеро масъалаҳоеро дар бар гирифтаанд, ки муҳиммияти онҳоро воқеияти таърихӣ собит сохтааст.

Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳам мазмуни масъалаҳои асосии диссертатсияро ифода намуда, ба таври асоснок нишон дода шудаанд.

Хулоса ва натиҷаҳои ба дастомада мавқеи муаллифро вобаста ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ пурра инъикос намуда, бо риояи услуби илмӣ таҳия шудаанд.

Муаллиф дар давраи таҳқиқот мақолаҳои зиёди илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интизор кардааст, ки дар аксари онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои дар диссертатсия таҳқиқшаванда инъикос ёфтаанд. Ин бошад аз камолоти илмии муаллиф шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур дар мизҳои мудаввар, конференсияҳои ҷумҳуриявию донишгоҳӣ, байналмилалӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ширкат намудааст.

Раванди таҳқиқи диссертатсионӣ нишон дод, ки Баракотов Б.С. қобилияти хуби пешбурди корҳои таҳқиқотиро дошта, вобаста ба мавзуи мазкур донишҳои мукаммал дорад. Ин ҳама имконият дод, ки мавзуи диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳқиқу натиҷабардорӣ карда шавад.

Нуктаи дигаре, ки аҳаммияти илмию амалии диссертатсияи мазкурро асоснок мекунад, ин муносибати мустақилонаи муаллиф ба маводи таҳлилшаванда, таҳияи мустақилонаи таклифу пешниҳод ва асосноккунии мавқеъҳои назариявию амалӣ мебошад.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шуда, талаботҳои ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшаванда пурра ба инобат гирифта шудаанд.

Дар раванди таълифи диссертатсия ҳамаи муқаррароти аз ҷониби КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда, ба пуррагӣ риоя гардидааст.

Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Диссертатсияи мазкур кори илмии мустақилона иҷрошуда ва ба анҷомрасида мебошад, ки дар доираи он натиҷаҳои муҳимму зарурӣ ва барои ҷомеа аҳаммиятнок ба даст оварда шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Баракотов Бобохоҷа Сайфуллоевич дар мавзуи **«Интихобот ва нақши он дар таҳкими давлатдории муосир" (таҷрибаи Тоҷикистон)** барои **дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ** дар доираи муқаррароти муайяншуда таълиф ва ҳимоя шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси зикргардида мебошад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви Комиссияи марказии интихобот
ва раъйпурсии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Хидирзода М.У.

16.10.2024

Имзои Хидирзода М.У.-ро
тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи ҳуқуқи фаъолияти
кадр Ҷумҳурии Тоҷикистон
Нарзухелмедов А.Ч.

КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ЦЕНТРАЛЬНАЯ КОМИССИЯ ПО ВЫБОРАМ И РЕФЕРЕНДУМАМ Р.Т. •
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ